**Иқтибос аз суратҷаласаи №12**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-035 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 22.09.2022**

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок карданд.

**Раис:** д.и.т., профессор Саидов А.

**Иштирок карданд:** д.и.т., профессор Саидов А. – раиси Шӯро; д. и. т., проф. Ҳотамов Н.Б. – муовини раиси Шӯро; д. и. т. проф. Раҷабов А. – котиби илмии Шӯро; д.и.т. Абдурашитов Ф. М.; д.и.т., проф. Абулҳаев Р.; д.и.т. Бобомуллоев С.; д.и.т. Додхудоева Л. Н.; д.и.т. Иброҳимов М.Ф.; д. и. т., Қобилова Б.Т.; д.и.т. Маликов М.Ҳ.; аъзо-корреспонденти АМИТ Пирумшоев Ҳ.; д. и. т. Раҳимов Н. Т.; д. и. т. Ҳусайнов А. Қ.; академики АМИТ Якубов Ю.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

Барои ҳимоя қабул кардани таҳқиқоти диссертатсионии диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи **«Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда.

Тибқи фасли IV-уми Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм «Ташхиси аввалия ва

қабули диссертатсия барои ҳимоя», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 035, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амал мекунад, санаи 26.05.2022 комиссияро дар ҳайати: Н.Т.Раҳимов - доктори илмҳои таърих, М.Ҳ.Маликов – доктори илмҳои таърих ва С.Ғ. Бобомуллоев - доктори илмҳои таърих барои баррасии диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «**Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), ки дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 2 аз 28 сентябри соли 2020), хулосаи комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, дар мутобиқат бо бандҳои 57-60 фасли IV Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм, Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-035

**Қарор мекунад:**

1.Хулосаи комиссия ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «**Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, ба соҳаҳои Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-035 ва ба мавзӯи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

2.Диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи **«Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

3.Санаи ҳимоя 8 декабри соли 2022 таъйин карда шавад.

4.Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

- **Ҳомидзода Фурқат Муким** – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
- **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна** – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

5. **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда тасдиқ карда шавад.

6.Феҳристи ташкилотҳо ва ашхос барои фиристодани автореферат тасдиқ карда шавад.

7.Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда иҷозат дода шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ҷонибдор » - 15, «муқобил» - 0, « бетараф» - 0.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **А.Саидов**

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **А.Раҷабов**

**Имзоҳои А.Саидов ва А.Раҷабовро**
**тасдиқ мекунам**
**Нозири шуъбаи кадрҳо** **Г.Файзуллоева**

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО